# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шуморо барои иштирок дар кори Конференсияи байналмилалии **«Илм ва таҳсилот: тамоюлҳои рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ»** бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» даъват менамояд.

**Конференсия дар бахшҳои зерин баргузор мешавад:**

1. Ҳолати кунунӣ ва рушди илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ.
2. Масоили мубрами илмҳои гуманитарӣ дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ.
3. Ҷанбаҳои рушди илмҳои иқтисодӣ: назария, методология, амалия.
4. Идоракунии сифати таълим дар донишгоҳи муосир.

**Талабот ба тарҳрезии маводи конференсия:**

Мақолаҳои пешниҳодшуда бояд хуб таҳрир карда шаванд ва ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

сатри аввал – унвони мақола (**бо ҳарфҳои калон**); сатри дуюм – насаб, ном ва номи падари муаллиф, дараҷаи илмӣ, унвон, ҷойи кор; сатри сеюм – матни асосӣ, на бештар аз 6 саҳифа, ки дар муҳаррири матнии Microsoft Word бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ, ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо: чап – 3 см, рост – 1,5 см, боло ва поён – 2 см. Ҷадвалҳо дар матн бояд дар Microsoft Word таҳия карда шаванд (на дар шакли расм ва сканершуда). Ҷадвалҳо бояд дар дохили ҳошияи корӣ ҷойгир бошанд. Форматикунонии рақамҳои чадвал ва номи онҳо: шрифти муқаррарӣ, ҳаҷми ҳарфҳо 11. Мундариҷаи ҷадвал – ҳуруфи муқаррарӣ, ҳаҷми ҳарфҳо 11. Расмҳо дар майдони корӣ ҷойгир карда мешаванд. Истифодаи расмҳо дар форматҳои JPEG ва GIF иҷозат дода мешавад. Сарлавҳа дар зери расм: форматикунонии ном ва рақами расм – ҳуруфи муқаррарӣ, ҳаҷми ҳарфу рақамҳо 11, ҳамоҳангсозии марказ, фосилаи байни сатрҳо ягона.

Аз сабаби он ки маводи конференсия дар Индекси Иқтибосҳои Илмии Россия (РИНЦ) нашр ва ҷойгир карда мешавад, аз Шумо хоҳиш мекунем, ки барои мақолаҳои пешниҳодшуда шарҳи мухтасар ва вожаҳои калидӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешниҳод намоед.

Ҳамкасбони азиз! Лутфан таваҷҷуҳ намоед: ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад ба маҷмуа мақолаҳоеро, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд (аз ҷумла нисбати ҳаҷми матн, таҳияи ҷадвалҳо ва расмҳо) дохил накунад.

Хароҷоти нақлиёти иштирокчиёни конференсияро ҷониби ирсолкунанда ба ухда мегирад. Хароҷоти вобаста ба ҷойгиршавӣ ва будубоши иштирокчиёни конференсия аз ҷониби ташкилкунанда пардохт карда мешавад.

**Забонҳои кории конференсия:** тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.

**Муҳлати пешниҳоди мақолаҳо:**

Мақолаҳои илмӣ бояд то 1 сентябри соли 2023 ба воситаи почтаи электронии: e-mail: ilm-dmt@mail.ru ва ба суроғаи 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои № 1, ошёнаи 3, утоқи № 57 ирсол гарданд. Телефонҳо барои тамос: (+992 37) 221 30 13, 221 71 87.

**Макон ва вақти баргузории конференсия:**

Ҷаласаи ифтитоҳӣ 20 октябри соли 2023 дар бинои асосии ДМТ баргузор мегардад. Ҷаласаҳои бахшҳо, тибқи барномаи конференсия, 20-21 октябри соли 2023 баргузор мешаванд.